# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 -Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Пажуҳишу баррасии истилоҳоти соҳавӣ ва муайян намудани мавқеи онҳо дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои бисёр мубрам дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, зеро истилоҳоти ин ё он соҳа барои дақиқу амиқ намудани таркиби луғавии соҳаҳои мухталифи илму фан мусоидат намуда, барои дар сатҳи зарурӣ дар ҷамъияту истеҳсолот корбаст намудани онҳо шароити зарурӣ фароҳам меорад.

Истилоҳоти тиббӣ таърихи куҳан дошта, то кунун дар нигоришоти он яққолабӣ ҷой надорад. Вижагиҳои маъноӣ ва сохтори истилоҳоти тиббӣ то имрӯз ба таври комил мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи он дар илми забонишиносӣ муҳим буда, метавонад барои танзими истилоҳоти мавриди назар мусоидат намояд.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омузиши мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаъҳои дигари таҳқиқ мутобиқи меъёр баён шудааст.

Боби аввали диссертатсия **“Масъалаҳои омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар забоншиносӣ”** унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар онҳо масоили омузиши истилоҳоти тиббӣ, ҷанбаҳои назарӣ, баррасии истилоҳот ва нақши Закариёи Розӣ бо таълифи “Тибби Мансурӣ” дар рушди истилоҳоти тиббӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия “**Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”** номгузорӣ шудааст. Муҳаққиқ бо такя ба маводди назариявии забоншиносон ба масъалаҳои калимаву истилоҳсозӣ, навъҳои он аз ҷиҳати сохт ва мавқеи истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розиро баррасӣ намудааст.

Дар боби сеюм, ки “**Истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”- и Закариёи Розӣ”** ном дорад ва аз се фасл иборат аст, гурӯҳбандии

истилоҳоти иқтибосии тиббӣ дар мисоли юнонӣ, ҳиндию арабӣ мушаххасу қотеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳои пажуҳиш дар 17 банд оварда шудааст.

Диссертант Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар ҷараёни пажуҳиш маводди зиёд ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои хешро доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажуҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёд кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки ба пирдори ин ҷониб ба назар гирифтани онҳо боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид.

1. Ишорати адабиёт дар қавси мураббаъ шаклҳои мухталиф доранд: [70, 106] саҳифаи 13, [47, с.392] саҳифаи 18 ва ғайра.

2. Ғалат навишта шудани калимаҳо дар саҳифаҳои 9 (магистерӣ), 15 ва 3 (муоссир) мушоҳида шуд.

Албатта, ғалатҳои зикргардида хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 10 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назарӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи истилоҳшиносии тоҷик нақши муҳим бозанд.

Ҳамин тариқ, автореферати Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи "Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ" ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 -Забони тоҷикӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
Номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Асрорзода Ифтихор Асрор

**Нишонӣ:**
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
маҳаллаи Чоряккорон,
хонаи 959
Телефон: (+992) 905059999
E-mail:Iftikhor-1989@mail.ru

Имзои Асрорзода Ифтихор
Асрорро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна

**Нишонӣ**:
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
(+992) 37-232-5000
rectorat.dbzkht.tj@mail.ru

“10” сентябри соли 2026